# РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 45 (641), 20 ноябри соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

# ПАРЧАМ - РАМЗИ ИФТИХОРУ ЯГОНАГИИ МИЛЛӢ!



«Парчами миллӣ» яке аз рамзҳои муҳими Истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Парчами давлатӣ яке аз муқаддасоти асосии миллӣ ба шумор рафта, 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Он ҳамчун рамзи давлатдории миллӣ ва соҳибистиқлолии давлату миллати тоҷик моро ба сӯи ваҳдату ягонагӣ, ободию пешрафт ва саодати миллат раҳнамун месозад.

Рӯзи Парчами давлатӣ, ки ҳамасола 24-уми ноябр дар саросари кишвар бо шукӯҳи хоса таҷлил мегардад, чун Рӯзи Истиқлолият, Иди Забон, Рӯзи Конститутсия ва Рӯзи Президент, яке аз санаҳои муҳими тақвими миллӣ ва мояи ифтихору арҷгузории халқ ба рамзҳои давлатӣ мебошад. Парчами миллӣ ифодаи ҳувият, таърих, фарҳанг ва ормони баланду сарбаландии миллати тоҷик аст ва ҳар шаҳрванди бедордил вазифадор аст онро гиромӣ дорад ва бо заҳмати содиқона дар таҳкими арзишҳои миллию давлатдорӣ саҳм гузорад.

Парчами давлатӣ яке аз муқаддасоти асосии давлат буда, рамзи соҳибдавлатӣ, нангу номус, шуҷоату матонат, иттиҳоду иродаи устувори мардуми тоҷик маҳсуб меёбад. Ин рамзи муқаддас моро ба сӯи худшиносӣ, ваҳдати миллӣ ва созандагиву ободонӣ раҳнамо мекунад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: "Имрӯз барои миллати соҳибтамаддуни тоҷик парчам сарчашмаи неруву тавонмандӣ дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ ва сармояи ғуруру ифтихори миллӣ мебошад."

**"Ҳамрози халқ"**



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ПЕШВОИ СОЗАНДАИ...- саҳ. 2



ҲАМОИШИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГӢ ЗЕРИ УНВОНИ... - саҳ. 4



ПРЕЗИДЕНТИ МАН! - саҳ. 5




ШАРҲИ ВОЖАИ ПАРЧАМ ВА МУТАҶОНИСҲОИ ОН - саҳ. 7

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ПЕШВОИ СОЗАНДАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ



**Агар ба таърихи башарият таваҷҷуҳ зоҳир намудаю онро варақгардон намоем, ҳар халқу миллате дар як замону як марҳалаи ҳаёти хеш абармардонеро зодаву парвардааст, ки корнамоиҳои онҳо бо гузашти замонаҳо ва мурури вақт дар осори адибону таърихнависони наслҳои оянда бо тобишу дурахши бештар аз пешин ба ҷилва меоянд.**

**Маликшо НЕЪМАТЗОДА,**
**муовини якуми Раиси ҲХДТ**

Ин қаҳрамонҳои миллӣ сиёсатмадороне ҳастанд, ки дар замоне пояи давлатдории миллатеро гузоштаанд, шоирони бузурге будаанд, ки ҳамосаи таърихии халқи худро аз замони бошукӯҳи миллати худ сурудаанд, сарлашкароне будаанд, ки дар лаҳзаи ҳассоси таърихӣ дар муборизаи шадид бо душманони миллат зафар ёфтаву халқи худро аз зулму нокомӣ ва завол наҷот додаанд.

-Ҳадаф аз эҳтиром ва гиромидошти чунин шахсиятҳои мондагор низ он аст, ки хотираи таърихии имрӯзиён ва пеш аз ҳама, насли ҷавонро бедор созад ва онҳоро ба ҷонфидоию ватандӯстӣ ҳидояту раҳнамун созанд.

Миллати шарафманди тоҷик давоми таърихи хеш садҳо абармардони фарҳангу сиёсат, илму адаб, санъату ҳунарро парваридааст. Мо имрӯз номи ҳар яке аз он бузургонро бо эҳтиром дар гӯшаи қалби худ нигоҳ медорем ва бо кору пайкори онҳо ифтихор менамоем.

Ҳодисаю рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии охири садаи бистум, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи нав боз кардааст, ба саҳнаи маъруфият шахсиятҳоеро баровардааст, ки бо шарофати талошу муборизаҳои онҳо Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо тамоми мушаххасоти давлати демократию ҳуқуқбунёду дунявӣ рӯи пояҳои мустаҳками давлатдорӣ қарор гирифт ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Ва намоёнтарин чеҳраи сиёсии ин айёми мураккаб ва ҳамзамон тақдирсоз Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Дар натиҷаи муборизаҳои бехирадонаи сиёсӣ, мамлакати мо ба вартаи ҷанги ҳамватанӣ кашида шуд. Бар асари ин воқеоти нангин мамлакат хароб ва миллат афгор гардид. Умеду боварӣ баояндаи нек намонда буд ва шуморае аз мардуми мамлакат тарки манзилу макони худ карданд.

Маҳз дар ҳамин лаҳзаҳои ниҳоят ҳассоси таърихӣ Тоҷикистонро роҳбар ва лидери сиёсие зарур буд, ки дер нашуда, пеши роҳи ҷанги пурфоҷиа ва даҳшатвори шаҳрвандиро бигирад, мамлакат ва миллатро аз нобудӣ раҳоӣ бахшад.

Ба хушбахтии халқ ва саодати Ватан таърих дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон роҳбареро ба саҳнаи сиёсат овард, ки воқеан дилу нияти нек доштааст, дар замираш ҷасорат, садоқат ва муҳаббат ба халқу Ватан будааст.

Моҳи ноябри соли 1992, ки давлати мо бо ҳодисаҳои фоҷеабору нангин дар арсаҳати расонаҳои ҷаҳонӣ қарор дошт, дар толори “Қасри Арбоб”-и шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳадафи асосии он ба низом даровардани авзои мураккаби сиёсӣ, беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва барқарор кардани сохти конститутсионӣ буд.

Ин иҷлосия дар сарнавишти миллати мо нақши муҳим ва муассир бозидааст, ки аҳаммияти он дар таҳкими сулҳу суботи мамлакат дар айёми соҳибистиқлолӣ беназир дониста мешавад. Аз ин хотир метавон ин иҷлосияро ҳамчун асоси бинои сулҳ дар Тоҷикистон ном ниҳод.

Дар иҷлосия роҳбарияти нави сиёсии мамлакат бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид, ки минбаъд барномаи мукаммали аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани давлатро таҳия намуда, ба миён гузошт. Ин иқдоми бузург заминаи эҳёи миллӣ фароҳам оварда, хатари парокандагии давлати тоҷикону миллати тоҷикро аз байн бурд.

Дар Қасри «Арбоб», қасре, ки бунёдгузораш шахси некхоҳу некбин, пири деҳқонони тоҷик Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев буд, бо раъйи вакилони мардумӣ фарзанди шоистаи халқу миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд. Таърих собит кард, ки ҳамфикрии вакилон дар интихоби Роҳбари давлат дар Қасри «Арбоб» – интихоби фардои дурахшон, интихоби сулҳу ваҳдат, интихоби роҳи ободиву озодӣ ва пешрафту тараққиёт аст. Халқ донист, ки Сарвари давлат бо тамоми ҳастӣ, заҳмату ҷонфидоӣ, талошҳову тадбирҷӯиҳо раҳнамову ҳидоятгар аст, ба миллат сулҳу ваҳдат овардан мехоҳад ва бунёди Тоҷикистони ободу озод орзуи ягонаву доимии ӯст. Аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми кӯшишу азму талошро барои поён бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими сулҳ ва ваҳдати халқи тоҷик равона намуда, дар ин ҷода баъди чанд соли аз худ гузаштанҳою ҷонбозиҳо муваффақ низ шуданд.

Миллати соҳибназари тоҷик ва тоҷикистониён бо ифтихору сарафрозӣ гуфта метавонанд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте мебошанд, ки бақои миллати тоҷикро дар мушкилтарин лаҳзаҳои давлатдорӣ таъмин намуда, дар бунёди давлатдории навин, таҳкими истиқлол ва таъмини ваҳдати комили ҷомеа нақши асосӣ доранд. Пешвои миллат шахсияте мебошанд, ки дар марҳилаи мураккабтарини таърихи давлату миллат масъулияти сарвариро ҷасурона ба даст гирифта, бо талошу иродаи бемисл боиси наҷоти киштии шикастаи давлатдории тоҷикон гардиданд. Дар натиҷа Тоҷикистон на танҳо ҳамчун давлат наҷот ёфт, балки ба дастовардҳои бунёдие, ки барои сарнавишти давлату миллати мо аҳамияти бисёр муҳим доранд, соҳиб гардид.

Тахти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон тавонист, ки мустақилона тамомияти арзии хешро ҳифз намуда, умедворӣ ба ояндаро дар дили ҳар шаҳрванди мамлакат ба вуҷуд оварад. Ҳамзамон дар муддати кӯтоҳи таърихӣ системаи фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатиро мукаммал, барқарор ва бунёд намуданд. Бунёди мактаби сиёсии давлатдорӣ, таъмини қонуният ва низому тартибот, ба миён овардани ваҳдат ва суботи комили ҷомеаи Тоҷикистон, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидани Тоҷикистон, эҳё ва меросбарӣ аз арзишҳои фарҳангиву таърихии миллат, рушд бахшидани иқтисодиёти заифшуда ва дигар дастовардҳо низ аз муҳимтарин комёбиҳое мебошанд, ки бо азму талош ва ҷоннисориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд.

Аҳамияту арзиши хизматҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои ба даст овардани мусолиҳаи миллӣ дар он аст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ тахти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаҳои нахустини барқарор шуданаш сулҳро ягона восита ва пойгоҳи амалӣ кардани сиёсати давлатӣ ташхис дод ва идеяи сулҳро аз ҳама гуна мафкураҳои сиёсӣ боло гузошта, онро ҳамчун идеологияи бунёди ҷомеаи озоду мутамаддин интихоб намуданд. Ҳамин нукта дар тамоми муддати музокироти тоҷикон ҳамчун ҷавҳари оштии миллӣ ҳузур дошт ва бо ҳамин нукта мусолиҳаи воқеъии тоҷикон ба вуқӯъ пайваст.

Мушкили дигар дар ҳамон марҳалаин вазъи ҷиноӣ дар мамлакат буд. Ҷинояткорӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нуфуз ёфта, ҷинояткорон кӯшиш мекарданд ба иқтисодиёт, сиёсат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сар дароваранд. Зиёда аз ин, доираҳои ҷинояткорон барои ба даст овардани соҳаҳои фоидаовари иқтисодиёту саноат муттаҳид ва боз ҳам мусаллаҳ мешуданд. Чунин гурӯҳҳо кӯшиш мекарданд, ки пеши роҳи ҳар иқдоми бунёдкоронаи роҳбарияти мамлакатро бигиранд, то ба ин васила Ҳукуматро дар пеши мардуми мамлакат беобрӯ намуда, вазъи иҷтимоиро пурошӯб кунанд ва ба мақсадҳои нопоки худ даст ёбанд.

Вале роҳбарияти ҷумҳурӣ бо роҳбарию роҳнамоии Пешвои миллат бар зидди ин гуна гурӯҳҳо ва сиёсату иқтисоди ҷиноятомези онҳо муборизаи беамон эълом карда, мамлакатро аз вуҷуди онҳо покиза сохт ва суботу низоми ҷамъиятиро пойдор намуд.

Иҷрои ҳамаи ин вазифаҳои мураккаб барои он имконпазир гардид, ки роҳбарияти Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон тавонист идеяи сулҳро ба ақлу шуури шаҳрвандон расонад ва ҳисси сулҳхоҳии онҳоро боз ҳам таҳрик диҳад. Омӯзиши таърихи халқҳои куҳанбунёд собит мекунад, ки халқу миллатҳое, ки умри дарози таърихӣ дидаанд, ваҳдаташон комилтар ва иттиҳоди ҷамъиятиашон мустаҳкамтар аст. Ин амр далолат ба ин ҳақиқат мекунад, ки таҷрибаи тӯлонии зиндагии дастҷамъонаи одамон ба онҳо хислате ва ё як навъ ғаризаи иҷтимоиеро ҳамчун неруи аксуламал бар ноамнӣ ва хатари ҷомеа ба вуҷуд меоварад.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки худ мунодии сулҳи тоҷиконанд ва ҳама мураккабии ин ҷараёни ҳаётофаринро дар таҷрибаи амалӣ медонанд, чунин мегӯянд:

«Сулҳ маънои таърихи мо аст. Ҳар қадар, ки мо пеш равем, сарчашмаи асосии пешрафти халқи мо бештар аён мегардад, ки он сулҳи пойдор аст. Танҳо сулҳ асоси пешрафти ҷомеа аст ва танҳо дар шароити сулҳу субот аз неъматҳои тараққиёти ҷаҳонӣ баҳравар шудан мумкин аст. Сулҳ ба кулли арзишҳои дигари инсонӣ маънӣ ва маром мебахшад». Сардори давлат бо дарки амиқи ин ҳақиқат, ки ташаккули давлат ва рушди ҳамаҷонибаи он бе эҳёи маънавӣ ва худшиносии миллӣ имконнопазир аст, идеяи ваҳдати миллӣ ва худшиносии миллиро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта, роҳу равиши густариши ин омилҳои барои давлатдорӣ муҳимро тарҳрезӣ намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон ба хулоса омаданд, ки ҷаҳонбинии наву пешрафта танҳо бар пояи гузаштаи таърихӣ асос меёбад ва таърих ҳамон вақт дар шуури одамон зинда мегардад, ки агар ба ҳолати руҳӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, дар хотираи халқ бедор кардани лаҳзаҳои олии зиндагии ниёгон, шукӯҳу ҷалоли давлатдории онҳо, пешрафту та-

*(Идома дар саҳ. 3)*

*(Идома аз саҳ. 2)*

наззули давлатҳои муқтадири гузаштагон, ки бо сабабҳо ва омилҳои монанд ба сабабу омилҳое, ки дирӯзи наздик миллати моро дар сари вартаи нобудӣ қарор додаанд, аз ҳар ҷиҳат муҳим ва сабақомӯзонанда мебошанд. Бинобар ин, барои дар хотираи халқ зинда кардани саҳифаҳои бошукӯҳи таърихи миллат ва ба ин васила даст ёфтан ба ваҳдати миллӣ ва густариши худшиносии таърихӣ Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳалли ҳарсоатаи масъалаҳои давлатӣ ҳам аз мақоми Сардори давлат ва ҳам аз мавқеи фарзанди миллат фаъолияти сиёсии худро бо кори таълиму тарбия ва эҷоди осори таърихӣ-фалсафӣ омезиш дода, ба хизмати халқу Ватан гузаштанд.

Дар муддати солҳои гузашта бо вуҷуди душвориҳои иқтисодӣ бо эҳтимоми шахсӣ ва тахти роҳбарии Пешвои миллат таҷлил шудани ҷашнҳои 1100-солагии Давлати Сомониён, 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 680-солагии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 90-солагии Бобоҷон Ғафуров, 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 3000 -солагии Ҳисори шодмон, ҳарсола бо шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон ва Наврӯз, ҳамчунин рӯйи кор омадани мақолаву маърӯзаҳо ва осори гаронбаҳои таърихӣ - фалсафии "Тоҷикон дар оинаи таърих", "Чеҳраҳои мондагор" ва "Аз Ориён то Сомониён"-и Президенти Тоҷикистон бо фарогирии равандҳои асосии таърихӣ, бо арзёбии омилҳо ва сабабҳои такомулу инқирози давлату давлатдории ниёгон ва роҳу тарзи анбоштан ва бардоштани донишу сабақи таърихӣ барои наслҳои имрӯзу фардо дар заминаи густариши худшиносии миллӣ нақши муайянкунандаро иҷро намудаанд. Ғамхорӣ ба адабиёту фарҳанг, таъмини озодии сухан, кумаку дастгирии эҷодкорон ва нашриёҳои адабию фарҳангӣ, дастаҳо ва гурӯҳҳои ҳунарии миллӣ ва этнографию фолклорӣ, додани имтиёзҳо ва мукофотҳои давлатӣ, дар маркази диққати ҳамешагӣ қарор додан ва ҳамаҷониба мусоидат кардан ба раванди ислоҳоти мактабу маориф ва пажӯҳишҳои илмӣ, ба вуҷуд овардани заминаи техникии воситаҳои электронии ахбори умум дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат - номгӯйи номукаммале аз тадбирҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои бар пояҳои баланди маърифат бардоштани илму адабу фарҳанги миллӣ ва худшиносии мардуми Тоҷикистон аст.

Барои Эмомалӣ Раҳмон муқаддастарину волотарин ҳадафи сиёсӣ ваҳдату ягонагии миллати тоҷик ва тамоми халқҳои Тоҷикистон аст. Вай ин ормони муқаддасро дар фаъолияти густурдаи сиёсии хеш чун меҳвари асосӣ муайян намуда, ҳар иқдомеро, ки аз рӯзи нахустини бар садри ҷомеаи Тоҷикистон омаданаш то ба имрӯз анҷом додааст, дар атрофи ҳамин меҳвар ба марҳилаи иҷро расонидааст. Ба ин хотир аст, ки дар миёни мардуми Тоҷикистон ва хайрхоҳони миллати тоҷик дар тамоми ҷаҳон номи Эмомалӣ Раҳмон бо мафҳуми ваҳдати миллӣ бо ҳам омезиш ёфта, таҷассумгари якдигар шудаанд.

Соҳибтадбирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз дар он зоҳир мегардад, ки аз рӯзҳои аввали сарвари Тоҷикистон интихоб шуданашон бо Созмони Милали Муттаҳид ва бо роҳбари он - Сармуншии Созмон робита барқарор намуданд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумиҷаҳониро ба пойгоҳи шиносондани миллати тоҷик, авзои воқеии сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон қарор дода, тавассути он ҷаҳониёнро аз ҳақиқати рӯйдодҳо, равандҳои умдаи сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли мусолиҳатомези мухолифату муқовимат, ки роҳбарияти мамлакат бо иродаи халқи худ пеш гирифтааст, шинос намуданд.

Мо аз нигоҳи имрӯз ва бо назардошти он айём бо итминони комил метавонем ин ақидаро иброз дорем, ки кулли пешрафтҳои мо дар амри бартараф намудани ҷараёни азҳамрезии давлат, барқарорсозии низоми давлатдорӣ, қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили мамлакат, оғоз гаштани музокирот бо мухолифин ва неруҳои сиёсии ҷомеа натиҷаи лидери миллӣ эътироф гаштани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд.

Барқарор шудани сулҳу субот ва ризоияти миллӣ истиқлолияти Тоҷикистонро боз ҳам таҳким бахшид ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ имконият пеш омад, ки ба татбиқи Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намояд. Ва муҳимтар аз ҳама, бо шарофати сулҳ эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ҳамчун давлати пайрави демократия чанд маротиба афзуд ва барои мо шароити ҳамкории бештару густурдатарро бо мамлакатҳо ва ташкилоту доираҳои молиявии ҷаҳон фароҳам сохт.

Бо барқарор гардидани сулҳу суботи комил дар мамлакат Тоҷикистон марҳалаи муҳимеро дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва заминагузории пешрафтҳои босуръати иқтисодӣ тай намуда, ба марҳалаи сифатан нав - давраи тараққиёти устувор дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ворид гардид.

Ҳамасола дар назарсанҷиҳо ва таҳқиқоти сотсиологӣ, ки аз ҷониби созмонҳои мухталифи ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад, Тоҷикистон мақоми шоиста дарёфт менамояд. Соли 2023 созмони ҷаҳонии Гелап Тоҷикистонро амнтарин мамлакати олам эълон намуд. Соли равон дар ин раддабандӣ Тоҷикистон пас аз Сингапур дуюмин давлати амн дар дунё эълон гардид. Пажӯҳишгоҳи сулҳ ва иқтисод дар Амрико соли 2017 рӯйхати кишварҳои амн дар ҷаҳонро нашр кардааст, ки Тоҷикистон дар он амнтарин давлати минтақа буда, аз назари амну субот аз тамоми кишварҳои минтақа ва кишварҳои пасошуравӣ пеш гузаштааст.

Бонки ҷаҳонӣ чанд сол муқаддам рейтинги давлатҳоеро, ки барои рушди тиҷорат заминаи устувор мегузоранд, нашр намуд, ки Тоҷикистон дар қатори 10 давлати аввали дунё ҷой гирифтааст.

Ин ҳама нишондиҳандаи он аст, ки мардуми Тоҷикистон бо тантанаи сулҳу амният ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим худро хушбахт меҳисобад. Бузургтарин комёбии даврони истиқлолият ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва суботу амнияти дар ҷомеа аст, ки ҳама муваффақияти баъдӣ самараи он мебошанд. Имрӯз дар тамоми ҷанба ва дар ҳама самту соҳаҳо ба дастовардҳои бузургу беназире ноил гардидаем, ки ҳамаи онҳо натиҷаи ташаббусҳои Роҳбари давлат барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт, баланд гардидани сатҳи зиндагии сокинони мамлакат ва муаррифии мамлакат ба ҷаҳониён аст. Ҳамин аст, ки имрӯз ҷомеаи байналмилалӣ Тоҷикистонро мамлакати ислоҳотгар ва давлати дар ҳоли рушду тавсеа эътироф намудаанд.

Хуб медонем, ки мамлакати мо дар замони Шуравӣ яке аз ҷумҳуриҳои камтараққикарда буд ва асосан манбаи ашёи хом ба ҳисоб мерафт. Ҳараҷу мараҷи солҳои боссозӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ва вайрону тороҷ гардидани корхонаҳои саноатӣ иқтисоди бе ин ҳам худнокифои ҷумҳуриро ба бӯҳрони шадид гирифтор намуд. Вале бо вуҷуди ин мушкилиҳо Ҳукумати нави Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари ҷумҳурӣ омадан дар он шароити мураккаби ҳарбию сиёсӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои таъхирнопазири созмон додан ва таҳким бахшидани сохторҳои идориву низомии давлат, дар амри қобили ҳаёт нигоҳ доштани сохтори иқтисодии мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешид. Ҳанӯз то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон Ҳукумати ҷумҳурӣ таввонист, ки ба татбиқи барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ кунад. Зеро нигоҳ доштани истиқлолияти сиёсӣ бе замина ва рушди истиқлолияти иқтисодӣ ғайриимкон буд. Ҳамин буд, ки Роҳбари давлат ҳадафҳои стратегии мамлакат, яъне раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикиро мушаххас намуда, барои ноил гардидан ба онҳо аз тамоми имконият истифода намуд.

Ҳадафи асосии Пешвои миллат аз ин иқдоми созандаву бунёдкорона баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон буду ҳаст.

Дар шароити мураккабу бӯҳронии солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ то татбиқи пурраи нуктаҳои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне соли 2000 Ҳукумати ҷумҳурӣ ба мушкилоти иқтисодию молиявӣ нигоҳ накарда, сохтмони чанд иншооти барои пешрафти минбаъдаи мамлакат муҳим, аз ҷумла роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди байналмилалии Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, истихроҷ ва истифодаи кони гази Хоҷасартез, бунёди Неругоҳи барқи обии "Сангтӯда", Неругоҳи барқи обии Помир, нақби Анзоб ва даҳҳо дигар сохтмонро оғоз намуда, қисми зиёде аз онҳоро ба анҷом расонид. Ҳамзамон бисёр корхонаҳоеро, ки қисман ва ё тамоман аз фаъолият монда буданд, таҷдид ва мавриди истеҳсолу тавлид қарор дод.

Баъдан дар марҳалаи сифатан нав дар амри эҳёи иқтисоди мамлакат, ки аз соли 2000- давраи таъмини пурраи суботи сиёсиву иҷтимоӣ оғоз мегардад, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор пеш меравад. Давоми ин солҳо иқтисодиёти мамлакат беш аз пеш ба низоми навини бозаргонӣ мутобиқ гардида, пешрафти босубот касб намудааст. Дар ин солҳо дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат даҳҳо корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ ҳам бо маблағҳои дохилӣ ва ҳам бо инвеститсияҳои хориҷӣ бунёд гашта, иловатан даҳҳо ҳазор ҳамватанон бо кор таъмин шуданд.

Барои мисол, танҳо рӯйдодҳои фараҳбахштарини соли 2005 ва аввали соли 2006 - эҳёи сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Роғун» ва «Сангтӯда-1» ва оғози сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» - ро ёдовар шудан кофист, то бароямон аён гардад, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон чӣ ҷаҳиши бузурге рух дод ва ин ҷаҳиши бузург чӣ имконияти пешрафту тараққиро барои ҷумҳурии мо боз мекунад!

Имрӯзҳо мамлакати мо бо шарофати суботи устувори сиёсиву ҷамъиятӣ ва заминаҳои мусоиди ҳуқуқии ҷалби сармоя беш аз пеш диққати давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, ширкатҳо ва доираҳои сармоягузори бонуфузи дунёро ба худ ҷалб намудааст. Хусусан давоми даҳ соли охир ҳафтае нест, ки изҳори ҳамкорӣ ва маблағгузорӣ дар ин ё он риштаи иқтисод ва ё соҳаи хизматрасонӣ аз ҷониби хориҷиён пешниҳод нагардад.

Яке аз ташаббусҳои бузургу беназири Пешвои миллат дар оғози марҳилаи давлатсозӣ, ки давраи ноамниву бесуботӣ буд, созмон додани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Дар он марҳила таъсиси ташкилоти сиёсие зарур буд, ки ба иҷрои сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат ва ба мардум фаҳмонидани моҳияти ин сиёсат кумак расонад. Зеро эътимоду боварӣ ба дигар ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ намонда буд.

Он айём дар бисёр кишварҳои тоза ба истиқлолрасидаи собиқи Шуравӣ номи ҳизби коммунистиро иваз намуда, бо каме тағйирот ба эъмори ҷомеаи нав шурӯъ карда буданд. Вале Роҳбари давлати Тоҷикистон ин амалро напазируфта, тасмим гирифтанд, ки вобаста ба талаботи муосир ба майдони сиёсӣ ҳизби комилан навро оваранд.

Ҳуҷҷатҳои бойгонии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бозгӯи он аст, ки Пешвои миллат бо қалам рӯйи авроқи сафед номи ҳизб, ҳадафу вазифаҳо ва дурнамои онро бо дасти худ навиштаанд, ки ҳамчун бозёфти нодиру бебаҳо ҳифз гаштааст.

Мавқеи ҳизби мо зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мавқеъ ва манфиатҳои миллӣ тавъам буда, рӯйдоду равандҳои даврони истиқлол онро собит менамояд.

Аз замони таъсиси ҳизб то имрӯз фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро собит менамояд, ки Раиси муаззами он бо хирад ва маҳорату малакаи баланди роҳбарӣ афкору ниёзи табақаҳои гуногуни ҷомеаро ба инобат гирифта, роҳи дурусти пешравии мамлакатро барномарезӣ намуданд.

Баргузории чорабиниҳои сиёсӣ – интихоботҳо дар мамлакат баёнгари он аст, ки дар панҷ интихоботи президентӣ, ки солҳои 1994, 1999, 2006, 2013 ва 2020 доир гардидаанд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раъйи аксарияти аҳолӣ мақоми олии роҳбарии мамлакатро сазовор гардидаанд. Ба даст овардани 90.92 фоизи раъйи интихобкунандагон ва натиҷагирӣ аз интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тирамоҳи соли 2020 ба вуқӯъ пайваст, аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ собит менамояд, ки номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон байни мардуми мамлакат аз маҳбубияти хоссае бархурдор мебошанд.

Шахсият, фаъолият, хизматҳо ва ҷойгоҳи Пешвои миллат барои тамоми мардуми мамлакат комилан рӯшан аст. Мардум нақши ин шахсияти таърихиро дар сарнавишти миллату давлат хуб медонанд.

Хизматҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи як миллату давлат маҳдуд набуда, балки фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд. Барои мисол, мо метавонем аз чанд масъалаи муҳим, аз ҷумла пешниҳоди ҳалли масъалаи об дар сайёра, пешгирии хатари интишори терроризм ва ифротгароӣ дар минтақа ва ҷаҳон ёдовар шавем. Тоҷикистон дар остонаи гардиши куллӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ қарор дорад ва мардуми хирадпешаи тоҷик бо дарки амиқи мураккабии равандҳои таърихӣ ҳар қадами дар пешрафт гузоштаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро бо шукру сипос арзёбӣ менамоянд. Онҳо хайрандешона бовар доранд, ки бо талошҳои хастагинопазир ва кӯшишҳои бошаҳомате, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи тараққӣ додани иқтисодиёти мамлакат ба харҷ медиҳанд, ҳатман дар фурсати наздиктарин ба рӯзгори аз ин ҳам хуштару ободтар ноил хоҳем расид.

Ҳазорон шукр ба вуҷуду ҳастии родмардони ватанпарвар ва мубориззони ҳифзи якпорчагии давлат ва ягонагии миллат, ки ба шарофати талошҳои арҷмандонаи онҳо мо имрӯз давлати мустақилу ягонаи миллӣ ва озоду демократии худро дорем ва дар шароити сулҳу субот ва ваҳдату ризоияти ҷамъиятӣ бо қадамҳои устувор бо шоҳроҳи рушду тараққӣ пеш меравем.

**Манбаъ:**
**ҲХДТ-Ҳизбе бо рисолати ватансозӣ**

# ҲАМОИШИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГӢ ЗЕРИ УНВОНИ «ПЕШВОИ МО - ИФТИХОРИ МО»

**Таҳти ҳамин унвон санаи 14-уми ноябр дар ноҳияи Вахш бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш ҳамоиши сиёсӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.**



Дар ҳамоиш муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда, раиси Шурои собиқадорони ҲХДТ, Руқия Қурбонова, муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Саидзода Ҷамшед Ҳамро, Қурбоналӣ Юсупов, раиси ноҳияи Вахш ва раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар иштирок намуданд.

Нахуст, ҳайати меҳмонон дар Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ аз намоиши хӯрокҳои миллӣ ва ҳунарҳои дастии қадимии миллати тоҷик дидан намуда, ба ҳунару маҳорати занону бонувони ноҳияи Вахш баҳои баланд доданд. Ин намоиш дар доираи суҳбату вохӯриҳо бо усули «Деҳа ба деҳа» амалӣ карда шуд.

Сипас, дар Маҷмааи фарҳангии «Офтобак» ҳамоиши сиёсӣ-фарҳангӣ зери унвони «Пешвои мо - ифтихори мо!» бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардид.

Қурбоналӣ Юсупов, раиси ноҳия қудуми муборaки меҳмононро ба ноҳия хайрамақдам гуфта, ҳозиринро ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳният намуд.



Муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда, зимни суханронии хеш қайд кард, ки таърих гувоҳ аст, ҳар халқу миллат бо фарзандони содиқу вафодор ва фарзонаи худ ифтихор намуда, корнамоию кордонӣ, матонату мардонагӣ ва хизматҳои шоёни онҳоро дар қалбҳои мардум мунаққаш ва дар сафҳаи таърих бо хатҳои заррин менигорад. Модари тоҷик дар ҳар ҳазорсола барои миллат абармардони баруманд, сарварони оқил, қаҳрамонон, олимон, шоирон ва умуман нафаронеро ба дунё меоранд, ки миллатро ба сӯи нур ва сарбаландӣ ҳидоят намуда, аз вартаи нобудӣ наҷот мебахшанд. Роҳбари хирадманди мо аз чунин фарзандоне мебошанд, ки қаҳрамонона ба халқу Ватани азиз содиқона хизмат кардааст.

16-ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби вилояти Суғд Иҷлосияи тақдирсоз баргузор гардид, ки дар он Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ваъдаи ба Тоҷикистон сулҳ оварданро доданд. Баъди суханони муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дили хурду бузурги миллати тоҷик шӯълаи умеди зиндагии осоишта пайдо шуд. Роҳбари давлат ҳар ваъдае, ки дар Иҷлосияи тақдирсоз ба мардум ироа намуда буданд, онҳоро сарбаландона дар назди халқу миллат иҷро намуданд, таъкид гардид дар ҳамоиш.

Раиси Шурои собиқадорони ҲХДТ Руқия Қурбонова, зимни суханронии хеш зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон марди дурандешу оқиле мебошанд, ки аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омаданашон ҳамеша дар фикри ояндаи дурахшони миллату давлат буданд ва ҳастанд. Мақоми зан дар ҷомеаро баланд бардоштанд, забони давлатиро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуданд. Ин абармарди сиёсат ҳамеша пайи ободию созандагӣ ва гулгулшукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳастанд. Мо, бо ин Сарвари оқилу доно ифтихор мекунем.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хурду бузурги ин сарзамин басо рӯзи фараҳбахшу ифтихорӣ аст, зеро барои расидан ба соҳибистиқлолии миллати тоҷик, пеш аз ҳама заҳматҳои шабонарӯзӣ ва хастанопазири Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар лаҳзаҳои ҳассосу сарнавиштсоз, миллатро аз парокандагӣ наҷот доданд. Имрӯзҳо дар саросари кишвар, хоса дар вилояти Хатлон корҳои созандагию бунёдкорӣ дар тамоми бахшҳои хоҷагии халқ мароми тоза дорад. Хатлон яке аз вилоятҳои калонтарин ва пешсаф дар соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ҳамасола аз ин вилоят даҳҳо тонна маҳсулоти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза дастраси мардум мегардад. Рӯз аз рӯз иқтисодиёти вилоят ва сатҳи зиндагии мардум боло рафта истодааст, ки ҳамаи ин самараи Истиқлоли давлатӣ ва Иҷлосияи тақдирсози миллат аст, ки дар он марди сиёсатмадору дурандеш интихоб гардид, ироа кард, Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон.



Дар идомаи ҳамоиш, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, суханронӣ намуда, ҳайати меҳмононро ба сарзамини вилояти Хатлон ва ба Рӯзи муборaки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфт. Аз ҷумла зикр кард, ки Сарвари давлат аз нахустин лаҳзаи суханрониашон аз минбари Иҷлосияи таърихӣ бо Паёми сулҳофарӣ ба мардум муроҷиат намуда, ҷонибҳои даргирро ба мусолиҳа даъват намуданд. Таҳлили воқеъбинонаи вазъияти ногувори он замон, дарки оқибатҳои идома ёфтани фоҷеаи миллӣ ваояндабиниҳои хирадмандонаи Сарвари ҷавонро ба андеша водор намуд, ки ба хотири пойдории давлату Истиқлоли кишвар, ҳифзи муқаддасоти миллати хеш ва дубора ба Ватан баргардонидани ҳамдиёронашон ҳама ҳастии худро фидо намояд.

Бояд қайд кард, ки баъд аз суханронии меҳмонон раиси ноҳияи Вахш доир ба хизматҳои шоёни Роҳбари давлат дар самти давлатсозию сулҳофарӣ суханронӣ намуд. Чун анъана ва фаъолоне, ки дар татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми муносиб гузоштаанд, сипосномаҳои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ тақдим карда шуданд.

Ҳамоиши сиёсӣ-фарҳангӣ бо барномаи фарҳангии пешниҳодкардаи бахши фарҳанги ноҳия ба анҷом расид.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ИҶЛОСИЯИ XVI - ОҒОЗИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



**Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар markази шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳи идона доир гардид.**

Дар чорабинӣ Умеда Абдуллозода, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Руқия Қурбонова, раиси Шурои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят ва дигар шахсони расмӣ, фаъолон ва намояндагони ТҶҶ "Созандагони Ватан" иштирок намуданд.

Пас аз садо додани Суруди миллӣ, Анзурат Абдусаломзода ҷамъомадагонро ва дар симои онҳо мардуми сарбаланди тоҷикро ба ифтихори санаҳои муҳими таърихӣ шодбош гуфта, Рӯзи Президент-ро таҷассумгари ваҳдату сарҷамъӣ ва ифтихори миллӣ арзёбӣ намуд.

Зикр шуд, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаи устувори давлатдории навин ва рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлолро фароҳам овардааст.

Сипас, Абдуллозода Умеда, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон оид ба нақши сарнавиштсози Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи давлатдории миллӣ суханронӣ намуд.

Зикр гардид, ки маҳз дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Роҳбари давлат интихоб шуда, масъулияти таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро ба ӯҳда гирифтанд. Таҷрибаи нодири Пешвои миллат дар давраи душвори пасошуравӣ, барои мардуми тоҷик мактаби бузурги давлатсозӣ ва ибрат дар роҳи созандагиву ваҳдат гардид.

Дар охир, барномаи фарҳангии дастаҳои ҳунарӣ бо шеъру сурудҳои ватандӯстона, саҳнаҳои адабӣ ва рақсу оҳангҳои миллӣ, фазои идонаро боз ҳам шукӯҳмандтар гардонид.



# ПРЕЗИДЕНТИ МАН!

**14 ноябр, бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, дар маркази шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аксияи ҳизбӣ таҳти унвони «Президенти ман!» баргузор гардид.**

Дар доираи ин иқдом, кормандони Кумитаи иҷроияи вилоятӣ бо сокинони касбу кори гуногун мулоқот анҷом дода, маводҳои таблиғотӣ ва иттилоотиро ба онҳо дастрас намуданд. Маводҳо фаъолияти таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва эҳёи истиқлолияти миллӣ инъикос мекарданд.

Аксияи мазкур бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба хизматҳои фарзонафарзанди миллат ва тақвияти худшиносии миллӣ роҳандозӣ гардид.

**"Ҳамрози халқ"**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИН



**Ҷ. БАЛХӢ**

Дар толори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи назариявӣ таҳти унвони "Нақши Пешвои миллат дар эҳёи давлатдории навини тоҷикон" баргузор гардид.

Дар ҳамоиш фаъолон, вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, роҳбарони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва намояндагони сохторҳои дахлдор иштирок намуданд. Конференсия бо намоиши видеороликҳои "Президенти ман-ифтихори ман!" оғоз ёфта, сипас Лола Сулаймонзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, сухани табрикотӣ ва маърӯзаи пурмуҳтавои худро дар мавзуи асосии ҳамоиш ироа намуд.

Дар баромади худ мавсуф нақши сарнавиштсози Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар эҳёи давлатдории тоҷикон, таъмини сулҳу субот ва рушди устувори ҷомеа таъкид намуда, хизматҳои беназири Президенти кишварро дар даврони соҳибистиқлолӣ муҳим арзёбӣ кард. Дар идомаи конференсияи тантанавӣ Абдулҳаев Маҳмасаид, раиси Шурои собиқадорони ҳизбӣ дар ноҳия, Ибрагимов Абдусамад ва Баротзода Фаридддун, аъзои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҲХДТ бо баромадҳои пурмуҳтаво дар мавзуҳои "Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-иҷлосияи тақдир-сози миллат", "Садоқат ба Президент - садоқат ба Ватан" ва "Мактаби давлатдории Пешвои миллат - мактаби бузурги ватансозӣ" суханронӣ карданд.

Зикр гардид, ки таҷлили Рӯзи Президент рамзи вафодорӣ ба Сарвари давлат ва нишонаи иттиҳоду сарҷамъии миллат маҳсуб мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти кишвар тавонистанд миллати парешонгаштаро муттаҳид сохта, Тоҷикистонро ба як давлати соҳибэътибор табдил диҳанд.

Дар анҷоми ҳамоиш, сарбозони шуҷоъ ва ғолибони озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" бо туҳфаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия қадрдонӣ гардиданд. Ҳамзамон, як қатор ҷавонон ба сафи ҳизб қабул ва бо Шаҳодатномаҳои ҳизбӣ сарфароз шуданд.

# ИҶЛОСИЯИ НАҶОТБАХШУ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ




**Бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия-Тоҷикистон ба номи М.В. Ломоносови шаҳри Бохтар Конференсияи илмӣ таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - наҷотбахшу тақдирсози миллат» баргузор гардид.**

Дар кори конференсия Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар, Давлатшо Маҳмудов, омӯзгори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Давлаталӣ Холзода, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, инчунин роҳбарони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва фаъолони ҳизб ширкат варзиданд.

Нахуст, меҳмонон бо дастовардҳои хонандагони муассиса шинос шуданд. Сипас, дар толори маҷлисгоҳи муассиса бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ оғоз гардид.

Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар ҳамаи ҳозиринро бо ин ду санаи муҳими таърихӣ-Рӯзи Президент ва Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, зикр кард, ки маҳз иқдомҳои созанда ва роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардиданд, ки дар Тоҷикистон сулҳу ваҳдат, суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа барқарор гардид. Қайд гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поягузори низоми нави давлатдорӣ дар кишвари мо мебошанд.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ибрз дошт, ки таҷлили Рӯзи Президент аз падидаҳои ибратомӯз ва омӯзандаи ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Ин рӯз на танҳо рамзи арҷгузорӣ ба мақоми олӣ ва масъулияти миллӣ аст, балки эҳтиром ба шахсияти таърихӣ мебошад, ки давлату миллатро аз вартаи нобудӣ наҷот дод. Ҳамчунин таъкид гардид, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, оғози марҳилаи навини давлатдорӣ ва поягузори сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад.

Дар идомаи суханронӣ Давлаталӣ Холзода ва Давлатшо Маҳмудов, доир ба хизматҳои шоёни Роҳбари давлат дар самти давлатсозӣ суханронӣ намуда, изҳор доштанд, ки ҳар миллат дар таърихи худ рӯйдодҳое дорад, ки сарнавишти ояндаи онро муайян месозанд. Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз чунин рӯйдоди тақдирсоз буд, ки ба хотири раҳоии кишвар аз ҷанги шаҳрвандӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва таҳкими пояҳои давлатӣ мусоидат намуд.

Дар фарҷом бо садо додани Суруди миллӣ конференсия ба анҷом расид. Бо мақсади қадрдонӣ аз фаъолияти пурсамар ва саҳми назаррас дар татбиқи ҳадафу барномаҳои ҳизбӣ, аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар ба як қатор фаъолон ва ҷонибдорони ҳизб сипоснома тақдим карда шуд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ОБОДКОРИҲО ДАР ХУРОСОН



Бо ифтихор аз сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Хуросон корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома дорад.

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми сокинони кишвар, аз ҷумла мардуми сарбаланди ноҳияи Хуросон бо ифтихори ватандорӣ ва меҳру муҳаббат ба Ватан ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ машғуланд. Тибқи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳия 239 адад бинову иншооти ҷашнӣ ба нақша гирифта шуда, давоми солҳои 2022-2024 ва нуҳ моҳи соли ҷорӣ 180 адади онҳо сохта мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ин пешравиҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати "дарҳои кушода" ва ташвиқи соҳибкорон ба фаъолияти созанда самараи назаррас овардааст. Соҳибкорон имрӯз худро шарики амалии давлат дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар медонанд.

Аз шумораи умумии иншоотҳои ба истифодадодашуда 14 адад ба соҳаи тандурустӣ, 17 адад маориф, 4 адад варзиш, 16 адад саноат, 3 адад кишоварзӣ, 48 адад нақлиёт, 11 адад обёрӣ, 44 адад ба соҳаи савдо ва хизматрасонӣ, 22 адад ба дигар сохторҳо, аз ҷумла нуқтаҳои хизматрасонӣ, сартарошхонаҳо ва марказҳои иҷтимоӣ рост меояд.

Соҳаи тандурустӣ дар сиёсати иҷтимоии давлат ҷойи хоса дорад. Дар ноҳияи Хуросон низ дар ин самт корҳои назаррас амалӣ гардидаанд. Дар солҳои охир 14 иншооти соҳаи тандурустӣ - бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатӣ, нуқтаҳои ёрии аввалия ва сеххҳои дорусозӣ сохта мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Бо шарофати ин иқдомҳо шароити хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ беҳтар гардида, дастрасӣ ба ёрии аввалия дар маҳаллаҳои дурдаст таъмин гаштааст. Имрӯз ҳар як деҳа соҳиби нуқтаи тиббӣ буда, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин аст. Ин ҳама натиҷаи сиёсати хирадмандона ва ғамхории пайвастаи роҳбарияти олии кишвар нисбат ба соҳаи тандурустӣ мебошад.

Рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Бо ҳамин ҳадаф дар ноҳияи Хуросон дар доираи нақшаи умумӣ 17 муассисаи таълимӣ таъмир ва ё аз нав бунёд гардиданд.

Бо ташаббуси Кумитаи падару модарон ва саҳми аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорони саховатманд синфхонаҳои иловагӣ, биноҳои ёрирасон ва синфхонаҳои компютерӣ сохта шудаанд. Дар баробари ин, як қатор муассисаҳо бо таҷҳизоти замонавӣ, мизу курсӣ ва китобхонаҳои электронӣ таъмин гардиданд. Ин ҳама иқдомҳо имконият фароҳам меоранд, ки насли наврас дар шароити арзандаи таълимӣ таҳсил намуда, ба як зодаи асилу донои миллат табдил ёбад.

Дар баробари соҳаи маориф, варзиш низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Бо мақсади ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва ҷалби ҷавонон ба варзиш дар ноҳия 4 иншооти муҳими варзишӣ - майдончаҳои футбол, толорҳои хурди варзишӣ ва майдонҳои бисёрсамта сохта шудаанд.

Имрӯз садҳо нафар ҷавонони ноҳия дар ин иншоотҳо машқу тамрин мекунанду маҳорати худро сайқал дода, дар мусобиқаҳои ноҳиявию вилоятӣ натиҷаҳои назаррасро ба даст меоранд.

Дар самти рушди истеҳсолот ва саноат 16 корхонаву коргоҳҳои нав бунёд ёфтаанд. Корхонаҳои мазкур дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, либосҳои корӣ ва маҳсулоти хӯроквории фаъолият доранд.

Ҳамзамон, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва саҳми соҳибкорон дар бахши кишоварзӣ 3 иншооти нав, аз ҷумла анборҳои нигоҳдории маҳсулот, коргоҳҳои коркарди мева ва марказҳои хизматрасонии аграрӣ сохта шуданд. Ин иқдомҳо ба афзоиши истеҳсолоти дохилӣ ва таъмини бозори маҳаллӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ мусоидат менамоянд.

Дар самти нақлиёт дар ободонии роҳҳо то имрӯз 48 иншооти марбут ба роҳсозӣ, истгоҳҳо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, 11 иншооти обёрӣ, аз ҷумла каналҳо, ҷӯйборҳо ва таҷдиди шабакаҳои обтаъминкунӣ ба анҷом расидааст. Иншооти мазкур ба беҳтар гардидани шароити зисти деҳотиён, афзоиши ҳосилнокии заминҳо ва таъмини устувории иқтисодии хоҷагиҳо мусоидат мекунанд.

Соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ низ рӯ ба рушд доранд. Дар ин бахш 44 маркази савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла ошхонаҳо, нонвойхонаҳо, сартарошхонаҳо ва марказҳои дӯзандагӣ фаъол гардидаанд. Ин ҳама имконият медиҳад, ки аҳолӣ дар ҷойи зисти худ ба хизматрасониҳои босифат дастрасӣ пайдо кунад.

Саҳми фаъолони ҳизб, соҳибкорони ватандӯст дар рушди ноҳия бузург аст. Онҳо бо ҳисси баланди ватандорӣ, муҳаббат ба диёр ва эътимод ба сиёсати давлатӣ дар ободонии ноҳия саҳм мегузоранд. Бо ташаббуси онҳо даҳҳо иншооти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва коргоҳҳои истеҳсолӣ бунёд гардидаанд.

Сокинони ноҳия бо итминон изҳор медоранд, ки дар атрофи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, минбаъд низ барои рушди диёр, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ободии Ватани азизамон - Тоҷикистон саъю кӯшиши бештар ба харҷ хоҳанд дод.

**Адиба НОДИРОВА,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ШАРҲИ ВОЖАИ ПАРЧАМ ВА МУРОДИФҲОИ ОН




**Ҳар як давлати соҳибистиқлолро ҷаҳониён бо муқаддасоти миллӣ ва парчамаш мешиносанд ва дар навбати худ парчам ҳам бо рамзҳои хосси худ муаррифгари ҳамон давлат ва миллат маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар байни дигар кишварҳои олам, бо Парчами давлатии худ муаррифӣ мегардад.**

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рангҳои сурху сафеду сабз ва расми тоҷу ахтаронаш муаррифгари миллати куҳанбунёд ва давлати соҳибистиқлол мебошад.

Парчами давлатии кишвари мо бо тасвиру рангҳои худ муҳимтарин омилҳои худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллии халқи тоҷикро дар худ таҷассум карда, рангҳои он инъикосгари таъриху фарҳанги куҳан ва тамаддуни бузурги халқи тоҷик мебошанд.

Парчами давлатӣ эҳёгари миллат ва ҳамчунин пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи кишвар буда, бо арзишҳои умумибашарӣ мувофиқу созгор аст. Агар ранги сурхи парчам рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри озодӣ ва истиқлолиятро дошта бошад, ранги сафед баёнгари бахту иқболи сафед, покизагӣ, рамзи ҳаёт, абадият ва заволи зулматро таҷассум мекунад ва ранги сабзи он рамзи саъю кӯшиш ва меҳнати сокинон баҳри сарсабзию хуррамии Ватанро ифода мекунад. Ҳамчунин акси тоҷ ва ҳафт ситораи Парчам маънои соҳибдавлатӣ ва дорои анъанаҳои бузурги давлатдории куҳан будани халқи тоҷикро дар худ таҷассум менамояд. Чунки тоҷикон аз зумраи миллатҳои куҳанбунёд ва тамаддунофаре ба шумор мераванд, ки давлатҳои муқтадиреро ба арсаи таърих барпо намудаанд ва месазад, ки имрӯз худро ҳамчун як халқи ифтихорманду тоҷдор муаррифӣ намояд.

Ҳафт ахтари дар Парчам аксёфта аз ҷаҳонфаҳмии миллат башорат дода, ҳамчунин моҳияти олами ҳастиро низ ифода месозад. Хуллас, бо тоҷу ҳафт ситора зиннат ёфтани Парчами давлатӣ ин боиси хушиву хуррамӣ ва ифтихори миллии мо мебошад. Ин рамзи давлатдории мо дар луғат ва фарҳангҳо бо шаш ном ё вожа ё худ истилоҳ ифода гардидааст, ки аз инҳо иборатанд: алам, байрақ, дирафш, ливо, парчам ва роят. Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки номҳои парчам ва дирафш вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ, алам, ливо ва роят калимаҳои арабӣ ва исми байрақ калимаи туркӣ мебошад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожаҳо аз ҷониби мураттибони он шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки мо онҳоро тибқи тартиби алифбой баррасӣ намуда, хулосаҳои худро манзури хонандагон мегардонем.

Калимаи «алам» вожаи арабӣ буда, бо ҳарфи айн оғоз меёбад ва маънoҳои «байрақ, роят, дурафш»-ро баён месозад. Мураттибони фарҳанги мазкур зимни шарҳу тавзеҳи ин вожа, инчунин ду байтеро аз Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдулқодири Бедил ҳамчун шоҳиди маънoӣ низ овардаанд:

*Алам сар зи Айюқ бартар кашид,*
*Синон чашми сайёраро баркашид.*
**Хисрави ДЕҲЛАВӢ**

*Алами илм по ба гил нагзошт,*
*Оламеро ба дӯши худ бардошт.*
**Бедил**

Байрақ калимаи иқтибосии туркӣ буда, дар фарҳанг ба маънои: «алам, парчам» омада, зимнан як байти Анварии Абевардӣ низ ҳамчун шоҳиди маънoӣ оварда шудааст:

*Ба ҳикмате, ки халал андар*
*ӯ наёбад роҳ,*
*Зи Меҳру Моҳ кушоданд*
*он миён байрақ.*
**Анварӣ**

Зимни овардани маънои луғавии калимаи байрақ, инчунин дар фарҳанги мазкур маънои ибораҳои аз калимаи байрақ сохташуда ва тобишҳои маънoии онҳо низ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Чунончи: «байрақи гетӣ киноя аз Хуршед, Офтоб; байрақи Моҳ киноя аз доғи калони миёни моҳ; байрақи сипеҳр, байрақи гетӣ; байрақи субҳ Офтоби саҳаргоҳ; байрақи шафақ тобиш ва чароғонии шафақи субҳ».

Вожаи «дирафш» сирф калимаи қадимаи тоҷикӣ буда, дар фарҳанг ба маънии «байрақ, алам, ливо» омадааст ва мураттибон зимни шарҳи он ду байти шоирони гузаштаро низ шоҳиди маънoӣ овардаанд:

*Яке бод бархостӣ пур зи гард,*
*Дирафши маро сар нигурсор кард.*
**Фирдавсӣ**

*Бардошт дурӯя табл овоз*
*В-аз рӯи алам дирафш шуд боз.*
**Шоҳин**

Зимни тавзеҳи ин вожа мураттибони фарҳанг доир ба пайдоиши ибораи дирафши ковиёнӣ низ чунин матлаберо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иқтибос овардаанд: «Дирафши ковиён(ӣ) байрақи Коваи оҳангар (қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ), ки пешгири чармини худро бар сари чӯбе баста, ба муқобили Заҳҳоки Морон бархост, халқро ба шӯриш даъват намуд ва бар Заҳҳок ғалаба кард. Шоҳ Фаридун он байрақро муқаддас шумурда, бо зару ҷавоҳирот ороста буд ва арабҳо онро ҳангоми истилои Эрон ба ғорат бурданд».

Дар фарҳанг ҳамчунин калимаи иқтибосии арабии «ливо» ба маънои «байрақ, ялав, алам, раъяти лашкар» шарҳ ёфта, аз китоби таърихии «Равзат-ус-сафо» ва байте аз ашъори Бадрии Кашмирӣ низ шоҳидҳои маънoӣ оварда шудааст:

«Чун хисрави анҷум ба байтушшарафи хеш хиромид, ливои ҳишмат дар қалъа кутволи (қалъабони) ҳисори панҷум барафрошт». «Равзат-ус-сафо»

*Ба нун номаш алам дар олам*
*афрошт,*
*Алам, яъне ливои мотам*
*афрошт.*
**Бадрии Кашмирӣ**

Парчам калимаи сирф тоҷикӣ буда, дар фарҳанг ба маънии «пӯпаки абрешимӣ..., ки ба нӯги байрақ ва найза мебастанд» шарҳ дода шудааст. Мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «роят»-ро, ки калимаи иқтибосии арабӣ мебошад, ба маънои «байрақ, алам, ливо» шарҳ додаанд ва ҳамчунин иқтибосҳои зеринро шоҳидӣ маънoӣ овардаанд:

«Рояти ӯ бе зафар аз ҳарб бознагардад». «Маҷмаъ-ул-ансоб»

*Зи мо рояти ҷанг афроштан,*
*Зи душман сару тоҷ бигзоштан.*
**«Анвори Суҳайлӣ»**

Ҳамон ҷо, зимни шарҳи ин вожа, инчунин ибораи «рояти ковиён» низ бад-ин гуна шарҳ дода шудааст: «рояти ковиён байрақест, ки Коваи оҳангар аз пешдомани худ сохта, дар зери он мардумро гирд оварда, муқобили Заҳҳоки Морон шӯриш бардоштааст».

*Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху зарду*
*бунафш,*
*Ҳаме хондаш «ковиёнӣ*
*дирафш».*
**Фирдавсӣ**

Аз таҳлили маънoҳои луғавию маҷозии калимаҳои алам, байрақ, дирафш, ливо, парчам ва роят ба хулосае омадан мумкин аст, ки забони адабии халқи тоҷик хеле бою ғанӣ буда, гузаштагонамон як чизро бо номҳои гуногун ёдрас мешудаанд. Ин вожаҳо дар захираи луғавии халқи тоҷик устувор ҷой гирифтаанду асрҳо боз мавриди истифода қарор доранд ва мо аз ғановатмандии забони хеш меболем, ки парчами давлатиамонро бо номҳои гуногун ёдовар мешавем.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ-ҲОМИИ ҲУҚУҚУ МАҚОМИ ЗАНОН



## ФАРХОР

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Маҳаллаи №2» бо иштироки раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фархор Ҳакимова Давлатбӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи муддавар дар мавзуи “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши занон дар ҷомеа” баргузор гардид.

Зимни суханронӣ иброз гардид, ки 16-уми ноябр дар саросари кишварамон Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда мешавад. Ин санаи таърихӣ барои мо мардуми сарбаланди тоҷик хеле азизу гиромист.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки мушкилоти беҳтаргардонии шароити занон ҳамеша зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар идомаи мизи мудаввар, дигар иштирокдорон низ аз хидматҳои арзандаи Пешвои миллат дар таъмини сулҳу субот, ободии кишвар ва эҳёи давлатдории миллӣ ёдовар шуда, нақши беназири ӯро дар таҳкими ваҳдат ва рушди ҷомеа баланд арзёбӣ намуданд.

# 365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ

## ПАНҶ



Имрӯзҳо ҷиҳати татбиқи сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи ташаббуси ҳизбӣ тахти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷамоати шаҳраки Панҷ шанбегии дастаҷамъона баргузор гардид. Дар доираи шанбегӣ, сокинон роҳраву кӯчаҳоро аз алафҳои худрӯй ва партовҳои маишӣ тоза намуда, саҳми худро дар тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист гузоштанд.

Бояд қайд кард, ки дар доираи ташаббуси ҳизбии унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” корҳои бунёдкорию созандагӣ аз ҷониби фаъолони ҳизбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят анҷом дода мешавад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста ташаббусҳои наву созандаро рӯи кор меоварад.

Ташаббусҳои мазкур на танҳо вазъи санитариву гигиении маҳалҳоро беҳтар менамояд, балки ба баланд бардоштани маърифати экологии сокинон низ мусоидат мекунанд. Чунин иқдомҳои судманд дар оянда низ идома хоҳанд ёфт.

# МАҶЛИСИ ҲИЗБӢ ДАР КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ИБТИДОӢ



## КӮЛОБ

Тибқи талаботи Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар арафаи таҷлил аз Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Дармонбахши замон” дар беморхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб баргузор гардид.

Дар ҷараёни маҷлис Салим Сайвализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб, Шоинов Ҳасан, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ғаюров Садриддин, мудири шуъбаи Раёсати тандурустии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб ва аъзои Кумитаи иҷроияи ибтидоии мазкур ширкат варзиданд.

Дар маҷлис масъалаҳои тағйирот дар ҳайати Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Дармонбахши замон", интихоби раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Дармонбахши замон", тағйирот дар ҳайати Раёсати Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Дармонбахши замон", истиқболи ҷашнҳои Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосия XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои ҷорӣ баррасӣ гардиданд.

Пас, аз баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлис Салим Сайвализода, Шоинов Ҳасан ва Ғаюров Садриддин оид ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳимияти ин ҷашни бузургу муқаддас дар ҳаёти ҳар як сокини бонангу номуси кишвар, инчунин, оид ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заҳмату талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи давлати миллии тоҷикон суханронӣ намуданд.

Дар охир аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ва Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Дармонбахши замон" ба фаъо-

# ВОХӮРӢ БО УСУЛИ “МАКТАБ БА МАКТАБ”

## МУЪМИНОБОД




Дар деҳаи Навбаҳори Ҷамоати деҳоти Боғгай вохӯрии навбатӣ бо иштироки намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод, Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия, шуъбаи маориф ва маркази КАТС баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Зарифӣ Абдураҳим Бобо, муовини раиси ноҳия, Ҷализода Сайрамбону, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, Камолзода Фаррухрӯз, мудири шуъбаи маориф, Розиқов Сайдамир, сартабиби шабакаҳои КАТС ва дигарон иштирок доштанд.

Масъулин зимни баромад дар мавзуъҳои муҳими рӯз, аз ҷумла татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба равияҳои ифротӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ, тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи муҳити зист суханронӣ намуданд.

Таъкид шуд, ки баланд бардоштани маърифати падару модарон, тарбияи насли худшинос ва саҳмгузорӣ дар ҷомеаи солим вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст мебошад. Инчунин, гуфта шуд, ки имрӯз таваҷҷуҳи бевоситаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва мутолиаи китобу иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ аз сӯи ҷавонону наврасон хеле зиёд аст. Ҳар як падару модарро мебояд фарзанди худро дар рӯҳияи мутолиаи китоб ва ватандӯстию меҳанпарастӣ тарбия намояд.

Дар фарҷом иштирокчиён ба риояи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдакон ва пешгирии амалҳои номатлуб ҳидоят гардиданд.


**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 тахти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид**, раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро**, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.



Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.